**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

---

**аз «25» январи соли 2021** **№ 17/уи** **ш. Душанбе**

Дар бораи рад намудани дархост
оид ба додани унвони илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504), бандҳои 114 ва 115 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016, № 505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2020, № 652/01 оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Иқтисодиёт ба Фасеҳзода Ислом Саймирзо, бинобар риоя нагардидани банди 120 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) ва Дастурамал оид ба тартиби баррасии масъалаҳои додан, маҳрум сохтан ва барқарор намудани унвонҳои илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2017, № 2/5) рад карда шавад.

2. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Комиссия оид ба баррасии парвандаҳои аттестатсионии довталабони унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (суратҷаласаи №1, аз 19 январи соли 2021).

Раис А.Розиқзода